# РУШДИ ИЛМУ МАОРИФ ВА ПЕДАГОГИКАИ МИЛЛӢ САМАРАИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумлаи сиёсатмадорони варзидаи ҷаҳони имрӯза ба шумор рафта, дар ҳаллу фасли муҳимтарин масъалаҳои сиёсию иҷтимоии замон нақши муассир дорад. Ба туфайли сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон аз нав эҳё шуд, миллати тоҷик таъриху забон, адабу фарҳанги хешро шинохт, расму оин ва суннатҳои аҷдодии худро рӯйи кор овард, соҳиби комилҳуқуқи сарватҳои табиӣ ва маънавии худ гардид. Бинобар ин, Сардори давлат дар суханрониҳояш пайваста аз Истиқлолияти миллӣ ёдовар мешавад, ки мо ба қадри ин неъмати бебаҳо бирасем, ба он арҷ гузорем ва барои ба истиқлоли комили сиёсию иқтисодӣ ва маънавӣ расидани ҷумҳуриамон саъйю талош намоем, зеро омили асосии инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи мо маҳз соҳибистиқлолӣ мебошад.

Сардори давлат дар радифи ҳалли масоили таъхирнопазири ҳаёти давлатӣ бо омӯзиши амиқи таҷрибаи ҷаҳонии шаклҳои гуногуни давлатдорӣ, низомҳои мавҷудаи сиёсию иқтисодӣ, арзишҳои тамаддуни миллию умумибашарӣ ва муқоисаи онҳо, усули хоси давлатдории миллиро ба роҳ монд. Президенти мамлакат бо дарки ин ҳақиқат, ки ташаккули давлат ва рушди босуботи он бе инкишофи маориф имконнопазир аст, идеяи пешбурд ва рушди маорифро ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта, роҳҳои инкишофи онро барои давлатдорӣ тарҳрезӣ намуд. Ба ин васила маорифро омили муҳимтарини рушд ва пешрафти давлату миллат номид.

Мавриди зикр аст, ки ҳар як вохӯрии Сарвари давлат бо аҳли зиё, ки бо пешниҳодоту дархостҳои нав ба нав, ки дар боло бурдани руҳияи худшиносӣ ва созандагӣ мусоидат мекунанд, натиҷагирӣ мешавад. Дар ин вохуриҳо Роҳбари давлат таваҷҷуҳи зиёиёнро ба мавзуоте ҷалб менамояд, ки бо руҳияи созандагии миллат тавъаманд. Яке аз масоиле, ки бештар диққати Президенти кишварро ба худ ҷалб намудааст, масъалаи мактабу маориф ва мақоми омӯзгор аст. Президенти кишвар дар суханронӣ бахшида ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ (30.08.2025) ин нуктаро чунин иброз доштанд: «Ҳукумати мамлакат дар фаъолияти худ рушди соҳаи маорифро пояи устувори давлатдории муосир меҳисобад. Зеро танҳо миллате, ки босавод, дорои маорифи босифат ва кадрҳои баландихтисос аст, метавонад дар арсаи ҷаҳонӣ соҳибмақом бошад.»

*Дар сиёсати маорифпарвона* Президенти муҳтарам низоми маорифро «*наҷоти миллат»* номид, ки баландтарин баҳо ба аҳли маорифи кишвар мебошад. Ин баҳо, аз як сӯ, омӯзгорон ва умуман аҳли маорифро

руҳбаланд ва ифтихорманд созад, аз дигар сӯ, дар назди онҳо вазифаҳои басо муҳим ва масъулияти бағоят азим мегузорад, онҳоро ба иҷрои корҳои бузурги давлатӣ ҳидоят менамояд. Ҳаллу фасли ин масъалаҳо дар гузоришоту суханрониҳои Роҳбари давлат мавқеи асосӣ доранд. Ӯ дар мавридҳои муайян ин масъалаҳо ва бисёр дигар масоили иҷтимоиро таҳлил карда, ҷиҳати пешрафти ин ё он соҳа дастуру пешниҳодоти мушаххас ба миён мегузорад.

Сардори давлат мақому манзалати омӯзгорон ва аҳли илми кишвар, ба хидмати бедареғи онҳо арҷ мегузорад ва аз онҳо даъват ба амал меорад, ки ба масъалаи таълиму тарбия боз ҳам ҷиддитар машғул шаванд, дониш ва малакаю маҳорати педагогии хешро ҳамвора такмил диҳанд, навтарин усули таълим ва тарбияро дар мактабҳо пурсамар татбиқ намоянд, шогирдонро бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ гардонанд, зеро «Ба шарофати истиқлолу озодӣ, сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистони азизи мо барои илму донишомӯзии насли наврас ва ҷавонон тамоми шароиту имкониятҳои зарурӣ муҳайё карда шудаанд.»

Доир ба пешрафти маорифи кишвар Ҳукумат стратегияву барномаҳоеро қабул кардааст, ки ба беҳ гардондани низоми маориф ва баланд бардоштани сифати он нигаронида шудаанд. Дар марҳалаи раванди татбиқи Стратегияи миллии рушд дар роҳи баланд бардоштани саводнокии аҳолӣ, таъмин бо китобҳои дарсиву васоити таълим, компютерҳо ва дигар васоити техникии муосир пешрафти назаррасе ба амал омадааст.

Лозим ба ёдоварист, ки Президенти кишвар ба ҷавонон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд. Ҷавонон, ки такягоҳи миллатанд, биноан, Роҳбари давлат ба раванди таҳсил, одобу ахлоқ, фарҳанг, касбу ҳунар ваояндаи онҳо пайваста диққат дода, ҳар сол бо ҷавонон – донишҷӯёни донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ мулоқот доир намуда, самимона гуфтугӯ мекунад, онҳоро баҳри пурраву мукаммал фаро гирифтани асосҳои илму дониш ва ноил гардидан ба ахлоқи писандида ҳидоят месозад. Бо иқдоми Сардори давлат дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ стипендияҳои гуногун, аз ҷумла, Стипендияи Президентӣ муқаррар шудааст, ки ин аз як сӯ, шавқу рағбати донишҷӯёнро нисбат ба илму дониш афзун кунад, аз сӯйи дигар, қобилияту истеъдодҳои навро кашф менамояд.

Ҳар сол дар доираи созишномаҳои баимзорасида миёни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазоратҳои дахлдори кишварҳои хориҷӣ барои таҳсили шаҳрвандони тоҷик дар донишгоҳҳои Федератсияи Рассия, Ҷумҳурии халқии Хитой, Ҷумҳурии Исломии Эрон, ҷумҳуриҳои Туркия, Озарбойҷон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон, Украина, Белоруссия, Полша, Кипр, Канада, Чехия, Федеролии Олмон, давлатҳои

Малайзия, Япония, Италия, Кореяи Ҷанубӣ ва ИМА шумораи муайяни бурсияҳои таҳсил ҷудо карда мешавад. Ин ҳама гувоҳи он аст, ки Раиси Ҳукумат бо халқ, бо мардуми кишвар робитаи қавӣ дошта, аз умеду орзу ва нияту мақсадҳои онон огоҳ аст ва барои ҳар чи бештар амалӣ гардидани мақсадҳои наҷиби онҳо пайваста талош меварзад.

Яке аз хусусиятҳои барҷастаи роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз он иборат аст, ки бо таърих ва рӯзгори маънавии халқ робитаи қавӣ дошта, дар фаъолияти худ ба афкори сиёсию маънавии донишмандон ва мутафаккирони бузург, расму оинҳои мардумӣ ва беҳтарин анъанаҳои миллӣ такя мекунад. Ин аст, ки он дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти суханварону бузургон, амсоли Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Носири Хусрав, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва умуман, дастовардҳои илмию фарҳангии адибону донишмандони гузашта, ҳамзамон аз каҳрамониву ҷонфишониҳои фарзандони шуҷоатманди тоҷик Спитамен, Деваштич, Темурмалик, Бобоҷон Ғафуров, Ширииншоҳ Шоҳтемур, Нусратуулло Махсум, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода бо меҳру муҳаббати бепоён ва ифтихори беандоза сухан мегӯяд. Сарвари давлат таъкид месозад: «Онҳо, ҳама ватандӯст буданд, барои обрӯву эътибори Ватан заҳмат мекашиданд, номи халқу миллати тоҷикро машҳури ҷаҳон мегардонданд. Мову Шумо, ки фарзандон ва наберагони онҳо ҳастем, бояд ба монанди онҳо ватанпараст бошем, Ватанамонро дӯст дорем ва ҳамвора барои ободию шукуфоии он талош варзем».

Меҳвари гузоришу суханрониҳои Роҳбари давлатро мафҳуми Ватан, ватандӯстӣ ва ватанпарварӣ ташкил медиҳад. Яке аз рукнҳои ватандӯстӣ эҳтиром ба забони миллӣ мебошад. Камоли сарфарозист, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон худ бо забони тозаю ноби тоҷикӣ ҳарф мезанад ва аз аҳли ҷомеа талаб мекунад, ки нозукиҳои забони тоҷикиро омӯзем ва дар ҳар маврид фасеҳ, буррову гиро ва равшану ҷаззоб сухан ронем. Талошҳои Роҳбари давлат ҷиҳати поку беолоиш нигоҳ доштани забон, таъкидҳои ӯ бобати мақом ва ё хидмати таърихии забони тоҷикӣ, инъикоси орзуву омоли халқ дар забон моро водор месозад, ки ба забони модарӣ муҳаббату эҳтироми хоса дошта бошем ва дар ҳар маврид онро азизу гиромӣ дорем.

Пешбурди илму маорифи Тоҷикистон, ки бояд ба тамоюлҳои умумии ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошад, омодасозии насли нави муҳаққиқон ва мутахассисони баландихтисосро талаб менамояд, ки дар шароити иқтисоди бозор фаъолияти инноватсиониро амалӣ карда тавонанд. Барои омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ унвонҷуён, аспирантҳо ва докторантҳо дар самтҳои афзалиятнок истифодаи иқтидори марказҳои намоёни илмии кишвар зарур мебошад. Дар ин росто Сарвари кишвар баргузории Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ

(30.08.2025) таъкидҳои судманд намуданд: «Ҳамчунин, имрӯз замоне фаро расидааст, ки мо педагогикаи миллии худро бо истифода аз дастоварду навгониҳои замони муосир ташаккул диҳем ва анҷом додани ин кор, пеш аз ҳама, вазифаи олимони соҳаи педагогика мебошад.

Гузоришу суханрониҳо ва таъкидҳои судманди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон басо самимӣ ва арзишманданд. Роҳбарият, олимон, ходимони илмӣ ва муҳаққиқони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар фаъолияти худ аз суханрониҳои пурмуҳтавои Сардори давлат босамар истифода бурда, таъкидҳои ӯро дар мавриди рушд, пешрафти педагогикаи миллӣ, инкишофи илму маорифи Тоҷикистони соҳибистиқлол, дар омода намудани мутахассисони донишманду баландихтисос, соҳиби дониши амиқу мукаммал, ахлоқи неку писандида сармашқи фаъолияти хеш қарор медиҳанд.

Л.Иматзода – мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

